# ХУЛОСАИ

комиссиям экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-079 дар назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Маҳмадова Фарзона Абдураҳмоновна дар мавзуи «Музокироти сиёсӣ ва хусусиятҳои бевоситаи он дар ҳалли низоъҳҳои минтақавӣ» (таҷрибаи кишварҳои Осиёи Марказӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз руйи ихтисоси 5.6.4. Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ: инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ.

1.Мавзуи диссертатсионии Маҳмадова Фарзона Абдураҳмоновна ба таҳқиқи масъалаи музокироти сиёсӣ ва хусусиятҳои бевоситаи он дар ҳалли низоъҳҳои минтақавӣ»-и кишварҳои Осиёи Марказӣ) бахшида шудааст, мавзӯи мазкур вобаста ба таҳлилу омӯзиши объективии ин масъала дар замони соҳибистиқлолии кишварамон барои ба эътидол овардани шиддати низоъҳои мухталифи минтақавӣ заминаи боэътимод гузошта, муҳиммияти мавзуро тасдиқ менамояд. Бояд гуфт, ки низоъ дар минтақа замоне ба миён меояд, ки як давлат ва ё гурӯҳи давлатҳо манфиатҳои миллии дигаронро ба инобат нагиранд. Ин, пеш аз ҳама, бевосита равандҳои сиёсиро дар соҳаи амният, сарҳади давлатӣ, масъалаҳои иқтисодиёт, муносибатҳои миллӣ, дин ва идеология фаро мегирад.

2. Нақши музокироти сиёсӣ дар ҳалли низоъҳои ба вуқуъ пайвастаи байни кишварҳои Осиёи Марказӣ, чуноне ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, хеле калон аст. Қобилият ва тавони бо роҳи музокирот ва созишҳо ҳал кардани низоъҳо қисми ҷудонашавандаи фарҳанг ва фаъолияти мардумони сокини ин минтақа мебошад. Аз ин рӯ, дар сатҳи байнидавлатӣ гузаронидани музокироти сиёсӣ бо мақсади ҳалли низоъҳои ба вуҷудомада бешубҳа ба ҳамин анъанаҳои мусбати қавмҳои шарқии Осиёи Марказӣ асос ёфтааст. Масъалаи мазкур на танҳо ба ҳалли мусоиди ихтилофҳои мавҷуда мусоидат карда метавонад, балки як навъ ибтидои раванди боз ҳам наздик шудани мардумони кишварҳои минтақа ва ба вуҷуд овардани фазои таҳаммулпазирӣ ва ҳамдигарфаҳмии миёни онҳо гардад.

Дар диссертатсия дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аз дурусту дақиқ будани маълумоти истифодашудаи муаллиф ва ҳаҷми мавҷудаи маводи илмӣ-таҳқиқотии диссертатсия, инчунин коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва интишороти илмии довталаб бармеояд. Хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии натиҷаҳо бар асоси таҳлили илмию

натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод ва асоснок карда шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқот аз мураттаб ва асосноксозии равишҳои назариявӣ ва методологӣ ба мазмуни масоили таҳлили музокироти сиёсӣ ва хусусиятҳои бевоситаи он дар танзим ва ҳалли низоъҳои минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ иборат аст, ки ба таври зерин пешниҳод карда мешаванд:

- равишҳои илмии муосир дар таҳқиқи моҳияти музокироти сиёсӣ кушода дода шудааст;
- аҳаммияти истифодаи музокироти сиёсию дипломатӣ ҳамчун навъи махсуси ҳалли низоъҳои сиёсӣ дида барома шудааст;
- хусусиятҳои бевоситаи музокироти сиёсӣ ва заминаҳои ба миён омадани низоъҳои минтақавӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ муайян ва асоснок карда шудааст;
- мақоми омили инсонӣ дар раванди музокироти сиёсӣ таҳлилу таҳқиқ гардидааст;
- нақши Эмомалӣ Раҳмонӣ ҳамчун Сарвари сиёсӣ дар раванди музокироти сиёсӣ нишон дода шудааст;
- мақом ва нақши музокироти сиёсӣ дар ҳалли низоъҳои минтақавӣ дар кишварҳои пасошӯравии Осиёи Марказӣ муайян карда шудааст;
- дурнамои татбиқи музокироти сиёсӣ дар ҳалли низоъҳои эҳтимолии байнидавлатӣ дар Осиёи Марказӣ баррасӣ карда шудааст. Навгониҳои рисолаи илмиро, инчунин, натиҷаҳое, ки дар раванди таҳқиқот ба даст омадаанд, муайян менамоянд.

Саҳми унвонҷуй дар коркарду корбурди сарчашмаҳои назариявӣ, тартиб додани нақшаи кори илмӣ, услуби таълиф ва масъалагузорию пешниҳод таҳияи мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо оид ба мавзуи диссертатсия дуруст арзёбӣ гардидааст.

3. Мавзуи диссертатсионии Маҳмадова Ф.А. ба талаботи бандҳои 32 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Таҳқиқот ба назарияҳои дахлдори илмҳои сиёсӣ асос ёфта, заминаи назариявӣ ва амалӣ-таҷрибавиро барои таҳқиқи масъалаҳои музокироти сиёсӣ ва хусусиятҳои бевоситаи он дар ҳалли низоъҳои минтақавӣ дар таҷрибаи кишварҳои Осиёи Марказӣ фароҳам овардааст. Хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии натиҷаҳо, бар асоси таҳлили илмию натиҷаҳои таҳқиқоти - назариявӣ ва амалӣ-таҷрибавӣ пешниҳод карда мешаванд. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта

шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

4. Таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ муайян гардидааст, ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 5.6.4. - Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ: инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ мутобиқат менамояд. Дар таҳқиқоти диссертатсионии довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ асосҳои назариявию методологии музокироти сиёсӣ, хатарҳо таъсири онҳо ба амният ва суботи Тоҷикистон, механизми ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити соҳибистиқлолӣ ва мушкилоти музокироти сиёсӣ ва хусусиятҳои бевоситаи он дар ҳалли низоъҳои минтақавӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ мавриди таҳқиқ ва хулосагириҳо қарор гирифтаанд.

5. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 10 мақола дар маҷаллаҳои дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшуда, интишор гардидааст.

6. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Маҳмадова Ф.А. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровардa шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиботи додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

7. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳод намудаи Маҳмадова Ф.А. маълумоти ғайрисаҳеҳ мавҷуд нест.

8. Банди 53-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ пешниҳод менамояд:

1) Диссертатсияи Маҳмадова Ф.А. дар мавзуи «Музокироти сиёсӣ ва хусусиятҳои бевоситаи он дар ҳалли низоъҳҳои минтақавӣ» (таҷрибаи кишварҳои Осиёи Марказӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз руйи ихтисоси 5.6.4. - Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ: инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ дар Шурои дессертатсионии 6D.К0А-079 назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баховаддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2) Муқарризони расмӣ аз руйи диссертатсия шахсони зерин таъйин карда шаванд:

- Саидзода Зафар Шералӣ, доктори илмҳои таърих;

-Ҳусайнзода Аминҷон Бурихон, номзади илмҳои сиёсӣ

3) Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав таъйин карда шавад.

4) Нашри эълон оид ба ҳимояи ошкорои диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва ҷойгир намудани матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаи расмии Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ ва сомонаи расмии Комиссиям олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5) Чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва паҳн намудани он ба суроғаҳои дахлдор иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:

доктори илмҳои сиёсӣ Шарифзода Л.Ш.

Аъзои комиссия:

доктори илмҳои сотсиология, профессор,
узви вобастаи АМИТ Шоисматуллоев Ш.

доктори илмҳои фалсафа Назар М. А.

10 апрели 2026 с.